Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062-назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Турзунзода, 30, E-mail: rajabova@rambler.ru www.rtsu.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ин ташаккул ва рушди фаъолияти самаранокии механизмҳои инноватсионии бахшҳои иқтисодӣ ҳамчун системаи миллии инноватсионӣ мебошад. Самаранокии ва рушди тиҷоратикунонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ асосан бо мавҷудияти инфрасохтори инноватсионии рушдкардаи он муайян карда мешавад. Инчунин дар замони муосир омили асосии рушди давлат ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ин инкишофи илмӣ-тиҷоратикунонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ аст. Бисёре аз давлатҳои ҷаҳон барои устуворнамоии иқтидорҳои илмӣ-техникӣ, фарохсозии сармоягузорӣ дар соҳаи технологияҳои илмиасос, иштирок дар мубодилаи байналхалқии технологӣ ва тезонидани рушди суръати илмӣ-техникӣ кӯшиш менамоянд.

Аз ҳамин нуктаи назар кори диссертасионии Маҳмадалиев Насриддин Каримович анҷом ёфтаи роҷеъ ба рушди тиҷоратикунони навовариҳо дар иқтисодиёти инноватсионӣ шароити муосир саривақтӣ ва мубрам аст. Аҳамиятнокии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он исбот карда шуда, ақидаву хулосаҳоеро, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, дар амал татбиқ намудан мумкин аст.

Маълум аст, ки раванди ташкили фаъолияти навоварона як доираи хоси идоракунии марҳилаҳои марбут ба эҷоди идея, коркард, истеҳсоли озмоишӣ, истеҳсоли оммавӣ, тарғиб ва фурӯши маҳсулоти навро дар назар мегирад.

Тавре муҳаққиқ иброз медорад механизми тиҷоратикунонии навовариҳо чун низом - маҷмӯи аносири баҳамалоқаманд ва баҳамтаъсиррасоне, ки як ҷузъи томро ифода намуда ба як мақсади умумӣ нигаронида шудааст ва вобаста бо таваҷҷӯҳ ба сохтори иерархӣ - низоми мураккабе, ки дар он ҳар як унсур ба зинаҳо ҷудо карда шуда дар маҷмӯъ як ҷузъи томи бисёрзинаро ба миён меоварад, фаҳмида мешавад, (саҳ.10)

Мавриди зикр аст, ки диссертант ҳангоми гузаронидани таҳқиқот маълумотҳои зиёдеро ҷамъоварӣ карда, онҳоро тариқи ҷадвалу диаграммаҳо ҷой дода, таҳлилҳо гузаронида ва натиҷаи таҳлилҳоро дар хулосаи кор нишон додааст. Дар хулосаҳои асосии Маҳмадалиев Н.К. аз таҳқиқоти худ

натиҷагирӣ карда, тавсияҳои амалиро барои беҳтар кардани равнақи тиҷоратикунинии навовариҳо дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ пешниҳод намудааст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Мулоҳизоту ақидаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадалиев Н.К, дар 17 интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ин 7– тояш дар нашриҳои тақризавандаи КОА—и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар саҳифаи 11 (расми 2, сохтории механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ) аз ҷониби муаллиф таҳия карда шуда аст, аммо механизми дохилӣ ва хориҷии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо пурра шарҳ дода нашуда аст;
2. Дар қисмати назариявии мавзуи таҳқиқотӣ таърифи мунақидонаи муаллиф оид ба тиҷоратикунонии навовариҳо ба таври мушахас баён нашуда аст.

Бо дарназардоштаи гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки кори диссертатсионии Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ)» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Маҳмадалиев Насриддин Каримович сазовори дараҷаи илмии илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мебошад.

**Муқарриз**
**д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон** **Досиев М. Н.**

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А. Н.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел: (+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86